## ТАҚРИЗ

**ба кори диссертатсионии Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич дар мавзуи «Такмили механизми устувории низоми бонкии тоҷикистон дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Молия, муомилоти пул ва қарз пешниҳод шудааст.**

### 1.МУБРАМИЯТИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИОНӢ

Дар давраи иқтисодиёти бозорӣ ва тағйирёби равандҳо ва муносибатҳои иқтисодӣ низоми бонкӣ яке аз низомҳои фаъол чун муҳаррики пешбарандаи рушди иқтисодиёт маҳсуб ёфта ҳамзамон ба фаъолияти ҳамарӯзаи корхонаву муассисаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ва ба шаҳрвандони алоҳида хизматрасонӣ менамояд. Вобаста ба ин механизми асосии назариявии фаъолияти бонкҳо ташаккули дурусти муомилоти пулӣ буда ба субъектҳои гуногун ва алоҳидаи иқтисодиёт дар заминаи талабот ва имконот маблағҳои зарурӣ пешниҳод менамоянд, ки тавассути он пайдарпайии ҷараёни муносибатҳои пулӣ таъмин карда мешавад. Ҳамзамон арзиши мубодилаи маҳсули меҳнат байни харидору фурӯшанда сурат гирифта ҷараёни гардиши сармоя афзоиш меёбад, ки дар натиҷа имконияти истифодаи васеъи маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ шарти зарурии пешрафт дар баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ва рушди иҷтимоии ҷомеа имконпазир мегардад.

Таҷриба ва таҳаввулотҳои солҳои охир собит намуд, ки низоми бонкӣ ҳамчун қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи иқтисодиёти миллӣ маҳсуб ёфта ҳамчун омили асосии қонеъ гардонидани талабот дар ҷомеаи иқтисодӣ мебошад ва тавассути мутамарказ кардани сарчашмаҳои зиёди пулӣ ва дар заминаи ин қонеъ кардани талаботҳои рузафзуни доимотағйирёбандаи сатҳи истеҳсолот ва эҳтиёҷоти тамоми қишри ҷомеа хизмат мероасонад. Пешрафти ҷомеаи иқтисодӣ дар маҷмӯъ аз ҳолати хуби устуворӣ ва иқтидори молиявию захиравии низоми бонкӣ вобастагии зиёд дорад. Бо ин мақсад ташаккул ва рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳамқадами замони Истиқлолият мебошад ва он то ҳол дар зери таъсири омилҳои манфии дохилию беруна қарор дорад, ки таъмини усувори фаъолияти онҳо ҳадафи таҳқиқоти анҷомдодаи мо мебошад.

**Объекти таҳқиқотро** бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ки шомили низоми бонкии Тоҷикистон мебошанд дар бар мегиранд.

**Мавзӯи таҳқиқотро** масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди устувори низоми бонкӣ бо назардошти роҳҳои алтернативии

таъмини суботи низоми бонкӣ дар шароити имрӯза ташкил медиҳад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ объект ва мавзуи таҳқиқот пурра матни таҳқиқгардидаи диссертатсияро инъикос менамояд.

**Навгониҳои илмӣ.** Дар шароити имрузаи иқтисодиёт навгониҳои илмии рисолаи диссертатсионӣ дорои навгониҳои илмии фарогир ба масъалаҳои муаммоҳои устувории низоми бонкӣ мебошад. Дар шароити имруза ҳар як навгонии илмии унвонҷӯ ба ҳалии мушкилотҳои низоми бонкӣ нигаронида шудааст, ки ин масъала қобили дастгирӣ мебошад.

**Нуқтаҳои ҳимояшаванда.** Аҳамияти мустақили амалӣ дар таҳияи диссертатсия, ки ҳамчун нуқтаи ҳимояшаванда мебошанд инҳоро дар бар мегиранд:

1. Муайян кардани давраҳои рушди низоми бонкӣ вобаста ба падидаҳои бавуҷудомада, ки асоси воқеии рушди низоми бонкӣ мебошанд;

2. Дараҷабандии равандҳои таҳлил ҳангоми арзёбии омилҳои истифодашавандаи муаммоҳои низоми бонкӣ ҷузъҳои асосӣ ва таркибии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ;

3.Вобаста ба шароит ва дигар имкониятҳои мавҷуда муайян кардани равандҳои устуворӣ, ки фарогири масъалаи сиёсати бонк, захираҳо ва дигар имкониятҳо мебошанд;

4. Ошкор намудани иқтидори захиравии низоми бонкӣ ва баҳодиҳии ҳолати он дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

тартиби стандартикунонии таҳлил ва баҳодиҳии муаммоҳои низоми бонкӣ;

5. Масъалаҳои асосии арзёбии устувории низоми бонкӣ дар доираи нишондиҳандаҳои молиявии онҳо ва роҳҳои имконпазири ҳалли мушкилотҳои мавҷуда;

6. Усулҳои муайян кардани усувории низоми бонкӣ вобаста ба меъёрҳо ва дигар нишондиҳандаҳои пардохтпазир;

7. Тавсифи равандҳои арзёбии омилҳои алоҳидаи устуворӣ ва осебпазирии низоми бонкӣ дар алоҳидагӣ вобаста ба иқтидори молиявӣ ва шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо.

Дар хулоса натиҷаҳои омӯзиш ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосӣ ба таври мушаххас таҳия гардидаанд.

Вобаста ба бобҳо ва зербобҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда қайд кардан ба маврид аст, ки бобҳои мазкур ва таҳқиқоти дар доираи он

анҷомшуда ифодаи мантиқии мувафақиятҳои илмӣ ва кори унвонҷӯ мебошад.

Новобаста аз мувафақияту пешравиҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда як қатор камбудиҳо ҷой доранд, ки ислоҳ намудани онҳо ба манфиати таҳқиқоти анҷомшуда мебошад. Камбудиҳои диссертатсияи унвонҷӯ инҳоро дар бар мегирад:

1. Зарур аст, ки унвонҷӯ муқаддимаи рисолаи илмии худро бо талаботҳои низомномаи нави тартиби барасмиятдарории диссертатсия мутобиқ намояд.

2. Дар муқаддима нуқтаҳои ҳимояшванда, масъалаҳои таҳқиқот ва нуқтаҳои ҳимояшаванда ба ҳамдигар мувофиқат намекунанд.

3. Нуқтаҳои ҳимояшаванда ва дигар масъалаҳои муқаддимаи диссертатсия ба бобҳо ва зербобҳои матни диссертатсия кам мувофиқат доранд.

4. Таҳлилҳои анҷомдодашуда, ки мушкилоти асосии соҳаро инъикос менамоянд то соли 2019-ро дар бар мегирад, ки ин бояд то соли 2021-ро дар бар гирад.

5. Дар таҳияи матни диссертатсия аз асарҳои олимони дохилӣ кам истифода гардидааст, ки ин камбудии ҷиддӣ мебошад.

6. Номи зербобҳои диссертатсия бояд такмил дода шуда ба матни диссертатсия мутобиқ карда шаванд.

7. Дар қисми зиёди саҳифаҳои диссертатсия ҷадвал ва диаграммаҳо нодуруст танзим шуда аз як саҳифа ба дигар дигар саҳифа гузаштанд, ки онҳо бояд дуруст карда шаванд.

8. Хулосаи зербобҳои дисертатсия кам буда моҳияти таҳқиқоти анҷомдодашударо пурра инъикос наменамояд.

9. Тартиби батартибдарории ҷадвалҳо бояд ба талаботи Низомномаи нави КОА мувофиқ карда шавад.

10. Дар матни диссертатсияи унвонҷӯ хатогиҳои имлоӣ ва сталистикӣ зиёд мебошад.

11. Дар аксар маврид дар саҳифаҳои алоҳидаи диссертасия норасоиҳои мантиқӣ, коста будани ҷумлабандиҳо, нофаҳмоии мантиқӣ, шарҳи нодурусти баъзе чадвалҳо ба назар мерасад.

12. Танзими ҷадвал ва диаграммаҳо ба талабот ҷавобгӯ набуда баъзе маълумотҳои носаҳеҳ оварда шудааст. Аҳёнан дар ҷадвал ва диаграммаҳо маълумотҳои нодуруст низ ҷой доранд.

13. Дар баъзе бобҳо ва параграфҳо матнҳо хусусияти назариявӣ дошта онҳо ҷойивазкуниро тақозо менамоянд. Масалан саҳифаи 117, 122, 131.

Хулоса: диссертатсия бо назардошти ислоҳи камбудиҳои дар боло зикргардида барои баррасӣ дар назди Шурои олимони факултет тавсия дода мешавад.

**Муқарриз,**
**д.и.и., профессор** **Кошонова М.Р.**

**Сардори ШК ва корҳои махсуси ДДМИТ,**
**н.и.х.** **Шарипов У.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ